«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

**Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои химия, профессор Сафармамадзода С.М.________________**

«__23__» ____________ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Муминзода Маҳмадшариф Нозим унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Муминзода Маҳмадшариф Нозим соли 2020 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос ва соли 2022 шуъбаи магистратураи факултети мазкурро хатм намудааст.

Мавсуф аз соли 2021 то ҳол дар вазифаи ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2022 №10-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва

ҳуқуқшиносии муқоисавӣ қабул шуда, онро бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 19 декабри соли 2023 №510-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2022 №5(20-21) таҳти унвони «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Насриддинзода Э.С. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 04 феврали соли 2024, таҳти №8 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 18-уми феврали соли 2026. №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ», чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат мекунад.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар

доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021-2025» анҷом дода шудааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 16 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Таҳқиқоти масъалаҳои назариявӣ ва таърихию ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ аҳаммияти хоса дорад, зеро он имконият фароҳам меорад, ки табиати ҳуқуқии ин падида аз нуқтаи назари таърихӣ ва назариявӣ бо равишҳои илмӣ таҳлил ва заминаи рушди минбаъдаи назарияи давлат ва ҳуқуқ таъмин шавад. Аҳаммияти назариявӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба тавсеаи мафҳум ва категорияҳои илми ҳуқуқ, равшан сохтани асосҳои таърихӣ ва иҷтимоии уҳдадории ҳарбӣ, ҳамчунин такмил додани андешаҳои илмӣ оид ба муносибати шахс ва давлат дар соҳаи дифоъ мусоидат намоянд. Аҳаммияти амалӣ бошад, дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои кор метавонанд барои такмили қонунгузории миллии марбут ба уҳдадории ҳарбӣ, баланд бардоштани сатҳи самаранокии сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳарбӣ, инчунин дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҳуқуқшиносӣ истифода шаванд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад, ки ба баррасии ташаккули назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд:

1. Ба андешаи муаллиф, уҳдадории ҳарбӣ – яке аз пояҳои асосии давлатдорӣ буда, вобаста ба талаботи замон ва рушди ҷомеа ба тағйирот рӯ ба рӯ мешавад. Ҳарчанд дар адабиёти ҳуқуқӣ байни мафҳумҳои «уҳдадории ҳарбӣ» ва «хизмати ҳарбӣ» фикри ягона вуҷуд надошта бошад ҳам, истифодаи мафҳуми «уҳдадории ҳарбӣ» дар қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки он аз мафҳуми «хизмати ҳарбӣ» фарогиртар аст.

2. Муаллиф иброз медорад, ки дар даврони қадим ва асрҳои миёна уҳдадории ҳарбӣ ба маънои имрӯзааш фаҳмида намешуд. Давлатдориҳои қадима ва асримиёнагӣ муносибаташонро ба уҳдадории ҳарбӣ дар заминаи эътиқодоти динӣ ва табақаҳои ҷомеа ба роҳ мемонданд. Аз ҷумла, дар Шарқ, хусусан гузаштагони тоҷик, муносибати худро бо уҳдадории ҳарбӣ, чи дар замони зардуштӣ ва чи дар давраи исломӣ, дар заминаи дин пайрезӣ мекарданд, дар ҳоле ки давлатдориҳои ғарбӣ то интишор ёфтани масеҳият дар он дар масъалаҳои мазкур аз рӯйи табақабандии мардум муносибат мекарданд. Ба андешаи ӯ уҳдадории ҳарбӣ ба маънои имрӯзаш барои тоҷикон аз инқилоби октябр маншаъ мегирад.

3. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми адои уҳдадории ҳарбӣ бархе аз ҳуқуқҳои инсон, ки аз принсипҳои бунёдӣ маншаъ мегиранд, ба гунае маҳдуд карда мешаванд. Омӯзиши мавзуъ нишон дод, ки уҳдадории ҳарбӣ, дар қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ на ҳамчун маҳдуднамоии ҳуқуқӣ инсон, балки ҳамчун масъулияти инсонӣ ва қарзи шаҳрвандӣ эътироф шуда, барои таъмини принсипҳои бунёдии ҷомеа зарур мебошад.

Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад. Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 ададаш дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1]. Муминзода, М.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии магистратура [Матн] / М. Н. Муминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 1(25). – С. 293-302. ISSN 2414-9217.

[2]. Муминзода, М.Н. Моделҳои ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / М.Н. Муминзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №4 (44). – С. 73-79. ISSN: 2305-0535.

[3]. Муминзода, М.Н. Масъалаҳои ҳуқуқии муайян намудани мафҳуми уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / М.Н. Муминзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 1 (29). – С. 81-92. ISSN 2414-9217.

[4]. Муминзода, М.Н. Принсипҳои уҳдадории ҳарбӣ [Матн] / Э.С. Насриддинзода, М.Н. Муминзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №3 (47). – С. 89-95. ISSN: 2305-0535.

[5]. Муминзода, М.Н. Заминаҳои ҳуқуқӣ ва омилҳои рушди ҳисси ватандӯстӣ дар асоси қабули стратегия [Матн] / М.Н. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №4-1. – С. 251-256. ISSN 2413-5151.

[6]. Муминзода, М.Н. Теоретико-правовое основание случайного выбора призываемых на военную службу [Текст] / М.Н. Муминзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – №6-2. – С. 203-210. ISSN 2413-5151.

[7]. Муминзода, М.Н. Ташаккули уҳдадории ҳарбӣ дар асрҳои миёна: аз Magna Carta то Инқилоби Фаронса / М.Н. Муминзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – №5. – С. 308-314. ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[8]. Мӯминов, М.Н. Джихад [Текст] / М.Н. Муминов // Развитие предпринимательского, коммерческого и туристического законодательства в период Государственной независимости Республики Таджикистан: материалы научно-практической конференции (18 мая 2018) // Под редакцией кандидатов юридических наук, доцентов Рахмона Д.С. и Сангинова Д.Ш. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – С. 292–297.

[9]. Муминзода, М.Н. Ҷиҳод: мафҳум ва инкишофи таърихии он [Матн] // Муҳаққиқи ҷавон. – №1. – 2021. – С. 118-123.

[10]. Муминзода, М.Н. Омилҳо ва асосҳои ҳуқуқии қабули стратегияи ватандӯстӣ [Матн] / М.Н. Муминзода // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (9-уми декабри соли 2022) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 164-175.

[11]. Муминзода, М.Н. Роль вооруженных сил в борьбе с терроризмом: теоретико-правовой аспект [Текст] / Муминзода М.Н. // «Право и экономика: актуальные вопросы коммерческого права и информационной безопасности»: материалы международной научно-практической конференции (25-26 апреля 2023 г.) / Под редакции доктора технических наук Х.Х. Назарзода, доктора экономических наук Ф.Р. Шаропова, доктора юридических наук Н.А. Кудратова. – Душанбе: «ДДТТ», 2023. – С. 176-178.

[12]. Муминзода, М.Н. Правовая ответственность в сфере воинской обязанности по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Муминзода М.Н. // «XIII Ломоносовские чтения», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (28-29 апреля 2023 года): материалы международной научно-практической конференции Часть II. Гуманитарные науки (право, экономика) // Под общей редакцией: к.э.н., доцента Ганиева Р.Г. – Душанбе, 2023. – С. 152-156.

[13]. Муминзода, М.Н. Правовые источники обязанности человека в правовой системе зороастризма [Текст] // Юридическая ответственность: современные проблемы теории и практики: XXIII Междунар. науч. конф.

Москва, 12 апреля 2023 г.: Сб. научных статей / Под ред. Н.И. Архиповой, С.В. Тимофеева, И.А. Беляевой. – М.: РГГУ, 2023. – С. 30-40.

**[14].** Муминзода, М.Н. Шаклҳои иҷрои уҳдадории ҳарбӣ дар кишварҳои ҷаҳон: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ / Э.С. Насриддинзода, М.Н. Муминзода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 19-25.

**[15].** Муминзода, М.Н. Масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқии гузариш ба бақайдгирии ҳарбии электронӣ: монеаҳо ва имкониятҳо / М.Н. Муминзода // Нашрияи солонаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ: Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, эълони соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" ва 30 - солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024. – С. 198-205.

**[16].** Муминзода, М.Н. Мафҳуми вазифаҳои конститутсионӣ ва аҳамияти онҳо дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳуқуқи инсон ва мушкилот замони муосир: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2025) / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирализода И.Қ. – Душанбе: Моҳи-Мунир, 2025. – С. 323-328.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи «Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 18-уми феврали соли 2025, №7 қабул карда шуд.

Иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 21 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Суратҷаласа аз 18 феврали соли 2026, №7.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Миралиизода И.Қ.

**Котиби ҷаласа:** Азизов С.

Имзои Миралиизода И.Қ. ва Азизов С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«18» 02 2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj